**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН ба номи АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО»**

# НИШАСТИ МАТБУОТӢ ОИД БА ФАЪОЛИЯТИ МДТ “ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО” ДАР СОЛИ 2020

**(03.02 соли 2021)**

Раёсати МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино” дар соли 2020 бо дарки масъулият баҳри татбиқи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, вобаста ба беҳтар намудани сатҳу сифати раванди таълиму тарбия дар макотиби олии кишвар, ки аз суханрониҳояшон зимни Паёму воҳӯриҳо бо омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, аз ҷумла дар “Рӯзи Дониш” - 1 сентябри соли 2020 бармеоянд, дар самти таълиму тарбия, таҳқиқоти илмӣ, корҳои муолиҷавию хоҷагидорӣ чорабиниҳои зиёди судмандро амалӣ намуд.

Дар партави сиёсати хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат, Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон рушд намуда, на танҳо мавқеву манзалати худро дар арсаи ҷаҳонӣ ҳифз намуд, балки дар қатори пешрафтатарин муассисаҳои тиббии сатҳи ҷаҳонӣ мақоми хосро касб намуд.

Боиси сарфарозист, ки дар самаранокии фаъолияти ин махзани хирад, таъмини фазои мусоиди корӣ ва дигар ҷанбаҳои иқтисодиву иҷтимоии донишгоҳ, нақши Ҳукумати шаҳри Душанбе таҳти сарварии муҳтарам Рустами Эмомалӣ назаррас аст.

Дар соли 2020 фаъолияти донишгоҳ дар доираи рисолат, вазифаҳои гузошташуда ва дар асоси фармоишҳои ҳукуматӣ, Барномаву нақшаҳои соҳавӣ баҳри қонеъ намудани талаботи давлату ҷомеа ба роҳ монда шуд.

Ҳадафи олии донишгоҳ таъмини таҳсилоти олии тиббию фармасевтӣ бо аҳамияти миллӣ ва эътирофи ҷаҳонидошта ҷиҳати омодакунии кадрҳои салоҳиятнок ва мусоидат кардан дар инкишофи иқтидори илмии соҳаи тандурустӣ ба ҳисоб меравад.

Вобаста ба ин, дар доираи иҷозатнома доир ба фаъолият дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломии тиббию фармасевтӣ (аз 10.06.2019, таҳти №0000087) таҳсилот аз рӯи 5 ихтисоси асосӣ ва 40 ихтисоси баъдипломӣ, инчунин дар зинаи таҳсилоти ординатураи клиникӣ, аспирантура ва докторантура таъмин карда шудааст.

Барномаҳои таълимии ихтисосҳо дар асоси талаботҳои муосири давлатӣ ва стандартҳои байналмилалӣ таҳия ва амалӣ карда мешавад.

Ҳамзамон, дар соли 2020 дар доираи лоиҳаи "Рушди таҳсилоти олӣ" бо ҷалби коршиносони байналмилалӣ мукаммалсозии барномаҳои таълимӣ амалӣ гардид. Мукаммал намудани барномаҳои таълимӣ ва ҷорӣ намудани принсипҳои таҳсилоти ба салоҳиятнокӣ равонашуда, омили баланд гардидани сифати таҳсилот ба ҳисоб меравад.

Дар соли 2020 бори аввал барномаҳои муосири таълимӣ бо назардошти системаи таҳсилоти Болонӣ таҳия ва амалӣ карда шуданд.

Инчунин, бахри баланд бардоштани сифати таҳсилот ва расидан ба ҳадафҳои стратегии донишгоҳӣ нақшаи чорабиниҳо бахри ҷорӣ намудани технологияи муосири таълимӣ амалӣ шуда истодааст. Дар давраи ҳисоботӣ бахри омода намудани тренерон оид ба омӯзонидани усул ва технологияи муосири таълимдиҳӣ, ки бештар ба ташаккули фикрронии клиникии донишҷуён равона шудааст.

Бо назардошти талаботи ҷомеаи муосир моҳи августи соли ҷорӣ бо супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон факултети нигаҳдории тандурустии ҷамъиятии донишгоҳ ба факултети тиббӣ-профилактикӣ табдил дода шуд.

Вобаста ба талаботҳои бозори меҳнат ва меъёрҳои байналмилалӣ барномаҳои таълимӣ аз нав коркард шуда, системаи муосири таълимӣ, тибқи ҷараёни Балонӣ ворид карда шуд.

Имрӯз дар донишгоҳ баҳогузории натиҷаи таҳсили донишҷӯён ба тариқи барномаҳои автоматикикунонидашудаи компютерӣ амалӣ карда шуд, ки баҳогузорӣ феълан дар назди донишҷӯ, бе дахолати ғайр сурат мегирад. Ин ҳам яке аз дастовардҳои намоёни донишгоҳ дар ҷараёни таълим ба ҳисоб меравад. Дар соли 2020 барномаҳои автоматикикунонидашудаи компютерӣ такмил дода шуда, қабули имтиҳонҳои хаттӣ низ тариқи барномаҳои автоматикикунонидашудаи компютерӣ ба роҳ монда шуд. Барои ин, 100 дона планшет -

блокнотҳои махсуси электронии муосир бо ручкаашон дастрас карда шуд, ки ҷавоби навиштаи имтиҳони хаттии донишҷӯён тариқи автоматикӣ дар компютер сабт карда мешавад.

Айни замон, дар асоси Иҷозатнома оид ба пешбурди фаъолияти таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти тиббию фармасевтӣ МДТ "ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино" аз рӯйи 5 ихтисос: «Кори табобатӣ», «Педиатрия», «Ташкили ҳифзи саломатии ҷомеа», «Стоматология» ва «Фарматсия» мутахассис омода менамояд. Инчунин, дар донишгоҳ аз рӯи 40 ихтисос таҳсилоти баъдидипломӣ - таҳсил дар зинаи интернатура, ординатураи клиникӣ, ихтисосгирии аввалия, магистратура, аспирантура, PhD, докторантура ба роҳ монда шудааст.

Раванди таълим ба пуррагӣ бо маводи таълимӣ ва китобҳои дарсӣ таъмин буда, донишҷӯён аз китобхонаи донишгоҳ адабиёти таълимиро ба пуррагӣ дастрас менамоянд. Фонди умумии китобхонаи донишгоҳ дар соли 2020 679 ҳазору 601 нусхаро ташкил медиҳад, ки аз он 430 757 (63,4%) нусха адабиёти чопии таълимӣ, илмӣ, бадеӣ ва 248 ҳазору 844 (36,6%) захираҳои электронӣ мебошанд

Дар маҷмӯъ, дар МДТ "ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино" раванди таҳсил бо истифода аз технологияи муосири таълимӣ ва иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба роҳ монда шуда, донишҷӯёну муҳассилини баъдидипломӣ бо китобҳои дарсӣ, технологияи иттилоотӣ ва маводҳои айёнии таълимӣ пурра таъмин мебошанд.

## ҲАЙАТИ ОМӮЗГОРОНУ МУҲАССИЛИНИ ДОНИШГОҲ

Боиси ифтихор аст, ки шахсиятҳои маъруфи соҳаи тандурустӣ, олимони варзидаи тиб дар ин даргоҳи муқаддас кору фаъолият менамоянд. Айни замон дар донишгоҳ 904 нафар омӯзгорон фаъолият менамоянд, ки аз шумори онҳо 744 нафар омӯзгорони асосӣ (385 - 51,7% нафар занҳо) ва 160 нафар омӯзгорони ҳамкор мебошанд. Аз омӯзгорони асосӣ 4 нафар академик, 2 нафар аъзои вобастаи Академияи Миллии илмҳо, 89 нафар докторони илм, профессор, 240 нафар номзади илм, дотсентон ва 569 нафар муаллимони калон ва ассистентон мебошанд. Дараҷанокии илмии омӯзгорону кормандон 44,2%-ро ташкил медиҳад. Омӯзгорони ҷавони то синни 35 сола нисбат ба соли гузашта бетағир монда, 207 нафар (29,4%) мебошанд. Синну соли миёнаи ҲПО - 47,5 солро ташкил медиҳад (соли ҷорӣ 0,8 сол пасттар шудааст).

Соли таҳсили 2019-2020 дар Донишгоҳи тиббӣ “Соли омӯзгори инноватсионӣ” эълон гардидааст. Дар ин замина корҳои зиёд анҷом дода шуд. Аз ҷумла, аз оғози соли ҷорӣ курси такмили ихтисоси педагогии омӯзгорони ҷавон дар доираи барномаи муосири “Омӯзгори самаранок” роҳандозӣ карда шуд. Аллакай 45%-и ҳайати профессорону омӯзгорон аз курси омӯзишӣ гузаштанд. Курси мазкур афзалиятҳои зиёд дошта, барои ташаккули фардии омӯзгор ва омӯзонидани усулҳои муосири таълимдиҳӣ равона карда шудаст, ки ин як иқдоми нав аст.

Теъдоди умумии мутахассисин афзоиш ёфта, 12598 нафарро ташкил медиҳад, ки аз ин шумора 11269 нафарашон донишҷӯён буда, 1329 нафар мутахассисини баъдидипломӣ мебошад. Миқдори зиёди донишҷӯён дар факултети тиббӣ таҳсил мекунанд, ки он дар маҷмӯъ 9048 нафар ё 80,3%-ро ташкил медиҳад. Дар факултети педиатрӣ 672 нафар (6,0%), стоматологӣ 868 нафар (7,7%), фармасевтӣ 350 нафар (3,1%) ва тиббӣ-профилактикӣ 331 нафар (2,9%) донишҷӯён таҳсил мекунанд. Теъдоди донишҷӯдухтарон нисбат ба соли гузашта ба 1,5% зиёд шуда, аз шумораи умумии донишҷӯён 42,9%-ро ташкил медиҳад.

Теъдоди мутахассисини баъдидипломӣ аз 1329 нафар иборат аст, ки аз онҳо 216 нафар дар магистратура, аспирантура, PhD, докторантура ва 918 нафар дар интернатура, ординатураи клиникӣ таҳсил мекунанд. Инчунин, 195 нафар дар  Маркази омодагии қаблӣ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Шумораи мутахассисини хориҷӣ дар  МДТ “ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино” низ дар ҳоли афзоиш буда, айни замон дар донишгоҳ 1601  нафар мутахассисини хориҷӣ аз 14 давлати дунё таҳсил карда истодаанд (Канада, ИМА, Латвия, Ҳиндустон, Покистон, Афғонистон, Эрон, Арманистон, Туркманистон, Федератсияи Россия, Қазоқистон, Қирғизистон, Озарбойҷон, Ӯзбекистон), ки дар сатҳи тодипломӣ – 1565  нафар донишҷӯён; дар сатҳи баъдидипломии илмӣ, дар зинаи магистратура, PhD, аспирантура, доктурантура - 16 нафар (15 нафар- ҶИ Афғонистон, 1 нафар - ИМА); дар сатҳи баъдидипломии муолиҷавӣ, дар зинаи ординатураи клиникӣ - 14 нафар (4 нафар - Ҳиндустон, 2 нафар - Қазоқистон, 7 нафар – ҶИ Афғонистон ва 1 нафар - Қирғизистон); дар Маркази омодагии қаблӣ - 6 нафар (Федератсияи Россия - 2 нафар,  Афғонистон - 2 нафар, Ӯзбекистон – 2 нафар) мебошанд.

Дар донишгоҳ таҳсил барои донишҷӯён тариқи шартномавӣ ва буҷавӣ, аз ҷумла тибқи Квотаи Президентӣ бо се забон - тоҷикӣ, русӣ, англисӣ ба роҳ монда шудааст.

## БАҲОДИҲӢ БА СИФАТИ ТАЪЛИМ

Дар донишгоҳ ҷараёни таълим, баҳодиҳӣ ва натиҷагирии сифати таълим тибқи талаботҳои стандартҳои байналмилалӣ бо истифодаи васеи технологияи муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба роҳ монда шудааст. Дар донишгоҳ LMS (системаи электронии идоракунии таълим) ва шабакаи интернетии дохилидонишгоҳӣ фаъолият мекунанд ва ҳар як донишҷӯ кабинети инфиродии худро дорад, ки ба он ворид шуда, ҳамаи маводҳои таълимӣ, маълумотҳои зарурӣ ва натиҷаи рейтингҳою имтиҳонҳои худро аз тамоми манотиқи ҷумҳурӣ тариқи электронӣ дастрас мекунад. Волидайни донишҷӯён низ метавонанд ба кабинети инфиродии фарзандонашон шомил шуда, ҳамарӯза аз натиҷаи таҳсили фарзандонашон хабардор шаванд. Аз соли 2019 журналҳои дарсии донишҷӯён тариқи электронӣ ба роҳ монда шудааст. Барои ин, аз ҷониби раёсати донишгоҳ 900 адад планшетҳо харидорӣ карда, ба ҳар як омӯзгор дода шуд.

Дар донишгоҳ, дар баргузории имтиҳонҳову санҷишҳо ва натиҷагирии онҳо шаффофият ва пуррагӣ таъмин гардидааст. Қабули имтиҳонҳову санҷишҳо ва баҳодиҳӣ ба дониши донишҷӯён мутамарказонидашуда дар Маркази ягонаи тестии донишгоҳ тариқи барномаҳои компютерӣ ба роҳ монда шудааст, ки шаффофият ва аз байн бурдани таъсири омилҳои инсониро ба баҳодиҳии натиҷаи таҳсил таъмин менамояд. Баҳогузорӣ феълан дар назди донишҷӯ мустақиман бе дахолати ғайр сурат гирифта, барои беҳтар гардидани сифати таҳсил ва ҷалбу таваҷҷӯҳи донишҷӯён ба китобхонию илмомӯзӣ нақши калидӣ мебозад.

Таҳлили натиҷаи сессияҳои имтиҳонӣ дар донишгоҳ нишон дод, новобаста аз пандемияи коронавируси нави Ковид-19, ки боиси муваққатан фалаҷ гардидани самтҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа гардид, дар маҷмӯъ сатҳу сифати донишандӯзии донишҷуён каме беҳтар гардида, дар сессияи имтиҳонии зимистона сифати таълим 38,3% ва дараҷаи дарсазхудкунӣ 93,9%-ро ташкил дод. Нисбат ба ҳамин давраи соли таҳсили гузашта сифати таълим 1,2% ва дараҷаи дарсазхудкунӣ 6,6% беҳтар шудааст. Дар сессияи имтиҳонии тобистона сифати таълим 35,4% % ва дараҷаи дарсазхудкунӣ 83,2%-

ро ташкил дод. Нисбат ба ҳамин давраи соли таҳсили гузашта сифати таълим 1,1% ва дараҷаи дарсазхудкунӣ 2,0% беҳтар шудааст.

Таҳлили натиҷаи имтиҳони хатми давлатӣ нишон дод, ки дар соли таҳсили 2019-2020 98,8%-и хатмкунандагон донишгоҳро бомуваффақият хатм намуданд ва сифати таълими хатмкунандагон дар сатҳи баланд қарор дошта, 53,1%-ро ташкил дод.

Дар маҷмӯъ, донишгоҳро 1503 нафар, аз ҷумла 59 (3,9%) нафар бо дипломи аъло, 123 нафар тибқи Квотаи Президентӣ, 180 нафар донишҷӯёни хориҷӣ аз 7 кишвари ҷаҳон хатм намуданд.

Факултети тиббиро 1168 нафар (153 нафар донишҷӯёни хориҷии зинаи бакалавр), педиатриро 88 нафар, стоматологиро 134 нафар, фармасевтиро 67 нафар ва нигоҳдории тандурустии ҷамъиятиро 52 нафар хатм карданд.

Аз 180 нафар донишҷӯёни хориҷӣ, 153 нафар аз Ҳиндустон зинаи бакавлаврро ва 27 нафар зинаи мутахассисро - 1 нафар аз Федератсияи Россия, 2 нафар аз Ӯзбекистон, 10 нафар аз Афғонистон, 8 нафар аз Қирғизистон, 3 нафар аз Қазоқистон ва 3 нафар аз Туркманистон бомуваффақият донишгоҳро хатм намуданд. Инчунин, 45 нафар шунавандагони хориҷӣ таҳсилро дар Маркази омодагии қаблии донишгоҳ ба итмом расониданд.

МДТ “ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино” дар доираи таҳсилоти баъдидипломӣ барои баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон ва табибони ҷумҳурӣ низ саҳми арзанда мегузорад.

Дар соли 2020 744 нафар шунавандагон (табибон ва омӯзгорон) аз курсҳои такмили ихтисос ва ихтисосгирии аввалия гузаштанд. Аз ҷумла, такмили ихтисоси педагогӣ-266 нафар; такмили ихтисоси тахассусӣ-236 нафар; ихтисосгирии аввалия – 242 нафар.

Барои гузаштани такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ ба ғайр аз шаҳри Душанбе (316 нафар) дар соли 2020 аз шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон (55 нафар), вилояти Суғд (46 нафар) ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (50 нафар) мутахассисон аз курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ гузаштанд.

## ФАЪОЛИЯТИ ТАРБИЯВӢ - ФАРҲАНГӢ

Дар ташаккулёбии мутахассиси ҷавони замони муосир тарбияи фарҳангӣ, ҳисси ватандӯстиву ватандорӣ, маънавиёт, ҳушёрии сиёсӣ ва дарки худшиносии миллӣ мавқеи асосиро ишғол намуда, дар донишгоҳ ба ин масъала эътибори аввалиндараҷа дода мешавад.

Мундариҷаи кори тарбиявии донишгоҳ ташакулли сифатҳои ахлоқӣ, шаҳрвандӣ ва шавқат дар корманди ояндаи соҳаи тибро фаро мегирад. Аз мутахассиси ҷавон камолот, ибтикор, вазифашиносӣ, талаби илм кардан, ҳаллу фасл карда тавонистан тақозо мешавад.

Бо ибтикори раёсати донишгоҳ барои татбиқи бандҳои Консепсияи миллии тарбия, амалӣ намудани Нақшаи чорабиниҳои донишгоҳӣ, бо мақсади таъмини иҷрои амалии ҳадафҳои стратегӣ, вазифагузориву тавсияҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, татбиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ғайр аз гузаронидани соатҳои тарбиявию кураторӣ, инчунин зиёда аз 60 номгӯи чорабиниҳои сатҳи донишгоҳӣ, ноҳиявӣ, шаҳрӣ ва ҷумҳуриявӣ ба монанди мизи мудаввар, сӯҳбату вохӯриҳо, барномаҳои махсуси фарҳангӣ-фароғатӣ, машваратҳо таҳия ва баргузор карда шуданд.

Доир ба даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, 2018-2028” ва «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (2019-2021)» аз ҷониби ҲПО-и кафедраҳо ва донишҷӯёни донишгоҳ зиёда аз 30 чорабиниҳои гуногун гузаронида шуданд.

Дар асоси Нақшаи чорабиниҳои донишгоҳӣ оид ба вазъи беморӣ, пешгирии паҳншавӣ, аломатҳо, ташхис табобати бемории сироятии коронавируси нави COVID-19 аз моҳи апрел то декабри соли 2020 дар байни хонандагону омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, донишҷӯуёну омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва аҳолии ш. Душанбе, дар кӯчаҳою маҳаллаҳо, хиёбонҳо, бозорҳою супермаркетҳо аз ҷониби омӯзгорон, фаъолони Шуъбаи кор бо ҷавонон ва Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯён бо ҷалби волонтёрҳои донишгоҳ аксияҳои «Солимгардонию фаҳмондадиҳӣ» гузаронида шуд. Дар аксияи мазкур оид ба вазъ, роҳҳои гузариш, аломатҳои клиникӣ, чораҳои пешгирикунанда ва ташхису табобати бемории сироятии коронавируси нави COVID-19 ва бемориҳои сироятӣ суҳбат - вохӯриҳо барпо карда шуд. Аз ҷониби валантёрҳои донишгоҳ зиёда аз 118 маротиба чорабиниҳои тарғибӣ-фаҳмондадиҳӣ баргузор гардид.

Қобили тазаккур аст, ки донишҷӯи курси 4-уми факултети тиббии донишгоҳ Тошматова Дилбар ғолиби давраи ниҳоии озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” ва сазовори ҷойи 3-юм ва 15 ҳазор сомонӣ гардид.

Санаи 12-13 марти соли 2020 5 нафар донишҷӯёни донишгоҳ дар Олимпиадаи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ барои дарёфти “Ҷоми Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз фанҳои химия, математика, физика, информатика ва биология иштирок намуда, соҳиби ҷойҳои якум, дуюм ва сеюм гардиданд.

Ассистенти кафедраи биохимия Зоидова Муътабар Толибҷоновна дар намоигоҳи байналмилалии занҳои ихтироъкор Kiwie-2020 дар шаҳри Сеули Кореяи Ҷанубӣ сазовори Медали тилло гардид.

Ҳамчунин, 11 декабри соли 2020 як нафар ординатори клиникии соли дуюми кафедраи ҷарроҳии кӯдакона дар дар олимпиадаи байналмилалии Донишкадаи давлатии тиббии Самарқанд иштирок намуда, аз ҷарроҳии кӯдакона сазовори ҷойи дуюм гашт.

## ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ - ИННОВАТСИОНИИ ДОНИШГОҲ

Фаъолияти илмиву навоварӣ яке аз меъёрҳои асосии муайян намудани дараҷаи рушду инкишофи муассисаҳои олии касбӣ маҳсуб меёбад. Маҳз бо назардошти ҳамин тамоюл, фаъолияти илмӣ, инноватсионӣ, ихтирооту навоварӣ ва омода намудани кадрҳои илмӣ яке аз самтҳои афзалиятнок дар МДТ “ДДТТ ба номи Абӯалӣ Сино” муайян гардидааст.

Дар соли 2020 аз ҷониби олимони донишгоҳ амалисозии 14 лоиҳаҳои илмии аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузоришаванда ва 40 мавзуъҳои илмии ташаббусӣ, кафедраҳо корҳои илмӣ-тадқиқотии худро ба роҳ мондаанд. Инчунин, 16 лоиҳаҳои илмии аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузоришаванда барои солҳои 2022-2026 ба Академияи миллии илмҳои ҶТ пешниҳод карда шудааст. Ин шаҳодат аз он медиҳад, ки заминаи моддию техникии донишгоҳ барои гузаронидани тадқиқоти илмӣ ташаккул ёфта, имкониятҳои васеи гузаронидани тадқиқоти муосир пайдо гардидааст. Дар донишгоҳ тайёр намудани кадрҳои илмӣ тибқи таҳсил дар магистратура, аспирантура, PhD, докторантура ба роҳ монда шудааст, ки муҳассилини илмӣ 216 нафар мебошад. Шумораи умумии аспирантон - 29 нафар, докторантони PhD - 57 нафар, унвонҷӯёни номзадӣ ва доктори илми тиб - 90 нафарро ташкил медиҳад. Дар магистратура 40 нафар таҳсил мекунанд ва аз онҳо 11 нафар муҳассилини хориҷӣ мебошанд.

Дар МДТ “ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино” 7 Шӯрои диссертатсионӣ фаъолият менамоянд, аз инҳо як Шӯро (Д 737.005.01) дар назди Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ва 6-тои дигар дар дар назди Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад (соли ҷорӣ 2 Шӯрои нав ба фаъолият шуруъ намуд).

Дар соли 2020 29 рисолаи илмӣ ҳимоя шудааст, ки аз онҳо, 4 рисолаи докторӣ ва 25 рисолаи номзадӣ мебошад ва боиси тазаккур аст, ки соли 2020 бори аввал дар донишгоҳ ҳимояи рисолаи докторанти PhD гузаронида шуд.

Дар соли 2020 аз тарафи ҳайати профессорону омӯзгорони донишгоҳ дар маҷаллаҳои илмии ватаниву хориҷӣ 2024 мақолаи илмӣ (дар маҷаллаҳои хориҷӣ 214) ва 1737 фишурда ба табъ расонида шудааст.

Қобили қайд аст, ки МДТ “ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино” дорои 2 маҷаллаи илмӣ-амалӣ мебошад, ки маҷаллаи “Авҷи Зуҳал” бо забони давлатӣ буда,  ба реестри КОА ҶТ ворид карда шудааст ва маҷаллаи “Паёми Сино” бо забони русӣ ба реестри КОА ФР ворид карда шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ аз тарафи олимони донишгоҳ 10 монография, 32 патент ва 30 пешниҳоди навоварӣ ба даст оварда шудааст.

Боиси тазаккур аст, ки бори аввал иштироки олимони хориҷӣ дар конференсияи солонаи донишгоҳ тариқи онлайн ба роҳ монда шуд. ҲПО ва олимони донишгоҳ дар 31 конференсияҳо, вебинарҳо ва ҳамоишҳои илмии хориҷии байналмилалӣ тариқи онлайн иштирок карданд.

Қобили қайд аст, ки дар давраи ҳисоботӣ 4 нафар олимони донишгоҳ сазовори Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯалӣ ибни Сино  ва 1 нафар олими ҷавони донишгоҳ сазовори Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ гардиданд.

Дар соли 2020 68-уми Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии солонаи донишгоҳ дар мавзӯи «Асосҳои бунёдии рушди инноватсионии илм ва таҳсилот” баргузор гардид, ки маводҳои конференсия дар шакли 3 ҷилди маҷмӯаи асарҳои илмӣ ба табъ расонда шуданд. Барои он 1110 фишурдаи илмӣ, аз ҷумла 310 адад аз хориҷи кишвар пешниҳод гардид. Дар конференсия 188 маърӯза, аз ҷумла 71 маърӯзаи иштирокдорони хориҷӣ шунида шуданд.

Маърӯзачиёни хориҷӣ ба таври онлайн баромад каданд, ки ин ҳам як дастоварди хубест аз ҷиҳати истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар донишгоҳ мебошад.

Ҳамчунин, дар доира конференсия 2 симпозиуми байналмилалӣ бо иштироки олимони хориҷӣ тариқӣ онлайн дар мавзуҳои зерини гузаронида шуд:

1. Ташхис ва табобати бемории Коронавируси нави COVID-19 ва ВНМО (Вируси норасоии масунияти одам);
2. Физиологияи нормалӣ.

## ФАЪОЛИЯТИ ТАШХИСИЮ ТАБОБАТӢ ВА МАШВАРАТӢ

Ҳайати профессорону омӯзгорони МДТ "ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино" дар баробари сарбории таълимиву тарбиявӣ ва илмию тадқиқотӣ сарбории муолиҷавию машварати ба дӯши онҳо гузоштаро сарбаландона иҷро менамоянд. Донишгоҳ дар барқарорсозии саломатии аҳолии ҷумҳурӣ бевосита саҳми худро мегузорад, яъне омӯзгорони кафедраҳои клиникии донишгоҳ дар пойгоҳҳои муассисаҳои тиббии шаҳри Душанбе дар қатори тадрис ба донишҷӯён, инчунин ба беморон кӯмаки ташхисию табобатӣ ва машваратии бевоситаи худро мерасонанд.

Дар асоси Нақшаи чорабиниҳои донишгоҳӣ оид ба вазъи беморӣ, пешгирии паҳншавӣ, аломатҳо, ташхис, табобати бемории сироятии коронавируси нави COVID-19 161 нафар кормандони донишгоҳ дар муолиҷаи беморони коронавирус бевосита фаро гирифта шуданд, ки аз тарафи раёсати донишгоҳ онҳо 2 маротиба бо маблағҳои пулӣ ҳавасманд гардонида шуданд. Омӯзгорону донишҷӯён ва валантиёрҳои донишгоҳ, ҷиҳати пешгирии паҳншавии бемории сироятии коронавируси нави COVID-19 дар байни аҳолии шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ корҳои фаҳмондадиҳию таблтиғотӣ гузарониданд.

Дар соли 2020 аз тарафи ҳайати профессорону омӯзгорони донишгоҳ ба 53635 беморон кӯмаки табобатию машваратӣ ва ташхисӣ расонида шудааст. Аз ҷумла, аз ҷониби устодони кафедраҳои ҷарроҳии клиникии донишгоҳ 14046 амалиётҳои ҷарроҳии гуногунҳаҷм гузаронида шудааст.

Дар Маркази ташхисию табобатии донишгоҳ дар ин давра ба 15519 нафар беморон кӯмак расонида шуд. Аз ин шумора 882 нафар

кормандони донишгоҳ, 14518 нафар донишҷӯён ва 1708 нафар шаҳрвандонро ташкил медиҳанд.

Дар Маркази таълимию клиникии «Стоматология»-и донишгоҳ дар қатори тадрис ба донишҷӯён, инчунин кӯмаки баландихтисоси стоматологӣ ба аҳолӣ расонида мешавад. Дар ин давра аз тарафи кормандони Маркази мазкур ба 1498 нафар беморон кӯмаки тахассусии стоматологӣ расонида шудааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки бо ибтикори роҳбарияти донишгоҳ МТИК «Стоматология» аз таъмири капиталӣ бароварда шуд. Марказ бо дастгоҳҳои муосири ташхисию табобатӣ ва асбобҳои яккаратаи стоматологӣ таъмин карда шудааст ва шароити мусоид барои корҳои ташхисию табобатӣ ва таълимию илмӣ фароҳам оварда шудааст. Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби Лоиҳаҳои грантии рушди таҳсилоти олӣ ва TajikAid (Барномаи ортодонтия, Олмон) ба Марказ барои донишҷӯён ва табобати беморон 11-то дастгоҳи замонавии стоматологӣ ворид карда шуд.

Ҳамчунин, бо ибтикори ректори донишгоҳ дар кафедраҳои факултети фармасевтӣ воқеъ дар бинои химия таъмири асосӣ ва азнавсозӣ гузаронида шуда, Маркази таълимӣ, илмӣ ва истеҳсолии "Фарматсия" ба ин бино кӯчонида шуд. Кафедраҳои факултети фармасевтӣ ва Маркази таълимӣ, илмӣ ва истеҳсолии "Фарматсия" бо таҷҳизотҳо, лавозимотҳо ва асбобҳои наву муосири таълимӣ, илмӣ, истеҳсолии тиббию фармасевтӣ муҷаҳҳаз гардонида шуданд, ки ин ба беҳтар гардидани сифати таълим дар донишгоҳ ва коркарди гиёҳҳои шифобахшу истеҳсоли доруҳои ватанӣ мусоидат менамояд.

Роҳбарияти донишгоҳ баҳри таъмини таҳсилоти босифат дар соҳаи фарматсия ва иҷрои дастури Сарвари давлат 12 номгӯи дастгоҳҳои фармасевтиро харидорӣ намуд, ки баҳри ба роҳ мондани истеҳсоли маводи доруворӣ мусоидат менамояд. Коркард ва истеҳсоли маводи доруворӣ дар заминаи факултети фарматсия омили омода намудани мутахассисони ба талаботи ҷомеаи муосир ҷавобгӯи соҳаи фармасевтӣ ба ҳисоб меравад.

Дар давраи ҳисоботӣ дар Маркази ТИИ "Фарматсия" истеҳсоли маҳлулҳои антисептикии «Лавандол» ва «Глисэп» ба роҳ монда шуд.

## ТАҲКИМИ ПОТЕНСИАЛИ МОДДӢ, ГАРАВИ РУШДИ НЕРӮИ ИНСОНӢ

Раёсати донишгоҳ ҷаҳонишавии таҳсилоти миллӣ, ҷараёни рушди илм ва талаботи имрӯза ба раванди таҳсилотро ба назар гирифта, ба мукаммал намудани барномаҳои таълимӣ тибқи стандарҳои муосири давлативу байналмилалӣ, ҷорӣ намудани технологияи нави омӯзиш ва баҳогузорӣ, инкишофи шахсиву касбии ҳар як корманд, рушди корҳои илмиву инноватсионӣ ва татбиқи мукаммалкунии пояи моддӣ-техникии донишгоҳ, роҳандозӣ намудани усулҳои банақшагирии стратегӣ ва идоракунии системавиро аҳамияти бештар дода, самтҳои афзалиятнокро дар фаъолияти донишгоҳ муайян намуд.

Бо назардошти ин, "Стратегияи рушди Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино то соли 2025" таҳия гардида, соли 2017 оғози марҳилаи нави рушди донишгоҳ арзёбӣ шуд ва тибқи Нақшаи чорабиниҳо дар самтҳои афзалиятнок чораҳои муассир андешида шуда истодааст.

Бо мақсади омодагии ҳамаҷониба ба ҷашни сазовори 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Ҳукумати кишвар сохтмони бинои нави маъмурӣ ва таълимии донишгоҳ дар хиёбони Сино, дар шаҳраки Шифобахш ба роҳ монда шудааст ва бо саҳмгузории донишгоҳ дар соли 2020 низ корҳои сохтмонӣ босуръат идома ёфта, як қатор корҳои таъмирӣ, ободонию кабудизоркунии боғу гулгаштҳо дар ҳудуди биноҳои таълимию маъмурӣ, хобгоҳҳо ва заминҳои назди донишгоҳ ва шаҳри Душанбе ба сомон расонида шуданд.

Қобили зикр аст, ки дар соли 2020 потенсиали донишгоҳ ба пуррагӣ баҳри расидан ба ҳадафҳои стратегии донишгоҳӣ равона карда шуда, роҳбарияти донишгоҳ аз рӯи нақшаи "Стратегияи рушди ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино то соли 2025" амал намудааст.

Дар маҷмӯъ, дар соли 2020 баҳри баланд бардоштани сифати таҳсилот ва мутобиқ намудани он ба талаботи бозори меҳнат ва стандартҳои байналмилалӣ корҳои зиёд анҷом дода шуд.

**ДАСТОВАРДҲО:**

❖ Бо супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон табдил дода шудани факултети нигаҳдории тандурустии ҷамъиятии донишгоҳ ба факултети тиббӣ-профилактикӣ.

- ❖ Беҳтар шудани сифати таълим дар донишгоҳ нисбат ба соли гузашта.
- ❖ Автоматикунонии системаи омодакунии саволномаҳои (билетҳои) тестию хаттии санҷишу имтиҳонҳо ва баҳодиҳӣ ба дониши донишҷӯён дар Маркази ягонаи тестии донишгоҳ, ки шаффофият ва аз байн бурдани таъсири омилҳои инсониро ба баҳодиҳии натиҷаи таҳсил таъмин менамояд;
- ❖ Пурра мувофиқи барномаи ягонаи донишгоҳ назорат ва баҳогузорӣ кардани таълим тибқи журналҳои электронӣ, ки ба беҳтар шудани раванди таълим мусоидат мекунад;
- ❖ Иштирок ва ба ҷойҳои ифтихорӣ ноил гаштани донишҷӯёни донишгоҳ дар Олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ.
- ❖ Истифодаи васеи технологияи муосири таълимӣ (усулҳои фаъол ва интерфаъоли таълимӣ) ва иттилоотию компютерӣ (истифодаи проектори мултимедӣ, тахтаҳои электронӣ, технологияи симулятсионӣ, микрофилмҳо, айёниятҳои таълимӣ ва ғайра) дар раванди таълими ҳамаи кафедраҳои донишгоҳ;
- ❖ Ба пуррагӣ ба роҳ мондани қабули имтиҳонҳои фосилавию ҷамъбастӣ, тариқи тестӣ ва хаттӣ бо барномаи автоматикикунонидашудаи компютерӣ ва имтиҳонҳои амалӣ тариқи ОСКЭ дар Маркази омӯзиши малакаҳои амалӣ бо истифода аз беморони стандартизатсиякунонидашудаю технологияи муосири симулятсионӣ бо ҳалли масъалаҳои ситуатсионӣ;
- ❖ Ташкили курси «Омӯзгори инноватсионӣ» ва таҳкимбахшӣ ба потенсиали касбию педагогии омӯзгорони ҷавон;
- ❖ Беҳтар гаштани шароити таҳсилу зисти донишҷӯён ва сатҳи иқтисодии ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандони донишгоҳ;
- ❖ Дар доираи барномаи мубодилаи академӣ дар донишгоҳҳои хориҷӣ (Россия, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон) ба роҳ мондани таълими донишҷӯёни хориҷӣ аз ҷониби омӯзгорони донишгоҳ тариқи офлайн ва онлайн;
- ❖ Саҳмгузории омӯзгорони кафедраҳои клиникӣ, мутахассисон, донишҷӯён ва муҳассилини баъдидипломии донишгоҳ дар корҳои пешгирӣ ва ташхису табобати бемории сироятии коронавируси нави COVID-19 дар шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ;
- ❖ Ба роҳ мондани семинарҳои омӯзишӣ, конференсияҳо, вебинарҳо ва чорабиниҳои таълимию илмӣ тариқи онлайн дар донишгоҳ;

- Таҳия ва дастгирӣ ёфтани лоиҳаҳои илмӣ-тадқиқотии аз тарафи буҷети давлат маблағгузоришаванда, вобаста ба самтҳои афзалиятноки илми тиб.
- Таъсиси 2 Шӯрои дисертатсионии нав дар назди КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Бори аввал ҳимоя шудани рисолаи доктори Phd ва зиёд кардани қабул ба докторантураи Phd.
- Ворид шудани маҷаллаи "Авҷи Зуҳал"-и донишгоҳ ба РИНС.
- Дар соли таҳсили 2020-2021 бори аввал ба роҳ мондани интернатура аз ихтисосҳои "Вирусология", "Микробиология" ва "Эпидемиология" ва зиёд намудани теъдоди табиб-интернаҳо аз ихтисосҳои "Бемориҳои сироятӣ", "Бемориҳои сироятии кӯдакона", "Анестезиология ва реаниматология".
- Эътироф ва қадрдонӣ гардидани дастовардҳои илмии олимони донишгоҳ бо Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯалӣ ибни Сино ва Ҷоизаи давлатии ба номи Исмоилӣ Сомонӣ. Сазовори Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯалӣ ибни Сино гардидани 4 нафар олимон ва ба номи Исмоили Сомонӣ 1 нафар олими ҷавони донишгоҳ.
- Ба роҳ мондани ҳамкориҳои дуҷонибаи нави таълимию илмӣ бо 7 муассисаҳои таълимию илмии хориҷӣ.
- Дар давраи ниҳоии озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" сазовори ҷойи 3-юм гардидани донишҷӯдухтари донишгоҳ (18.12.2020).
- Идома ёфтани бунёди бинои нави таълимию маъмурии донишгоҳ дар шаҳраки Шифобахш аз ҳисоби маблағҳои хусусии донишгоҳ;
- Азнавсозӣ ва аз таъмири асосӣ баровардани бинои химияи донишгоҳ, гузаронидани Маркази таълимӣ, илмӣ ва истеҳсолии "Фарматсия" ба бинои химия ва муҷаҳҳазгардонии кафедраҳои факултети фармасевтӣ ва Маркази таълимӣ, илмӣ ва истеҳсолии "Фарматсия" бо таҷҳизотҳо, лавозимотҳо ва асбобҳои наву муосири таълимӣ, илмӣ, истеҳсолӣ.
- Ба роҳ мондани истеҳсоли маҳлулҳои антисептикии «Лавандол» ва «Глисэп» дар Маркази таълимӣ, илмӣ ва истеҳсолии "Фарматсия"-и донишгоҳ.

**Хадамоти ректори МДТ**
**"ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино",**

**ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 139.**
**Тамос: +992 44 600 36 29**
**+992 44 600 36 76**
**E-mail: nazorat@tajmedun.tj**
**(Масъул: Носирӣ Қаҳҳор Нарзулло)**

**Дастраскунии нусхаи электронӣ тавассути Web Site: www.tajmedun.tj**